# ТАҚРИЗИ

## роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Дар замони муосир масъалаи комилан донистани забони модарӣ яке аз ҷанбаҳои ниҳоят муҳими ҳаёт маҳсуб меёбад. Мутаассифона, манзараи воқеии забондонии намояндагони аксари қишрҳои ҷомеа чандон ба мақсад мувофиқ нест. Бо вуҷуди он ки забони тоҷикӣ тайи солҳои зиёд дар мақоми забони давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳо устуворона қадам мезанад, масъалаи нутқи соҳибзабонон ҳоло ҳам ба талабот ҷавобгӯ нест. Сабаби асосии комилан ба забони модарӣ муошират карда натавонистани аксарият, пеш аз ҳама, дар он аст, ки таълими забони тоҷикӣ аз муассисаҳои томактабӣ сар карда, то мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ танҳо бо омӯхтани грамматикаи он маҳдуд мегардад.

Дар тамоми давлатҳои мутараққии олам аз миёнаҳои асри XX сар карда, дар баробари грамматикаи забон одоби муҳоварати он, яъне забони муошират низ низ таълим дода мешавад. Аз ҷониби муҳаққиқону олимони соҳа таҳқиқоти зиёди илмӣ ба анҷом расонида шуда, дар заминаи ин онҳо луғатномаҳои одоби муҳоварат таҳия гардидаанд. Ҳамчунин барои тамоми категорияҳои синнусолӣ барномаҳои муфассали таълимӣ омода карда мешаванд. Одоби муҳоварати тоҷикӣ, ки дар доираи илмҳои филологии тоҷик равияи нисбатан нави таҳқиқнашуда мебошад, қисми таркибии фарҳанги халқ аст. Дараҷа ва инкишофи он ба таърихи халқ, ба пешрафти илму фарҳанг, адабиёту санъат, ба заковати аҳли илму адаб, маорифу фарҳанг, матбуоту нашриёт, радиову телевизион, кинову театр, ба риояи меъёр ва услубҳои забони адабӣ, ба тозагии забону нутқ, ба истифодаи оқилонаи сарвати луғавии забон, ба маҳорати сухандонӣ, суханварӣ ва сухансанҷӣ алоқаманд аст.

Таҳқиқи одоби муҳоварат ва ҷанбаҳои муҳими он – хушмуомилагиву нармгуфторӣ, ҳурмату эҳтиром, хоксориву фурӯтанӣ, ки забон ифодагари бевоситаи ин маъниҳост, аҳамияти бузурги назариявию амалӣ дорад. Барои ифодаи онҳо дар забони тоҷикӣ воситаҳои зиёди луғавӣ, семантикӣ ва грамматикӣ мавҷуданд, ки дар асноҳо ё лаҳзаҳои гуногуни нутқ бояд ба кор бурда шаванд. Вазифаи муҳаққиқони ҷавон аз муайян намудани асосҳои назариявии таҳлили унсурҳои одоби муҳоварат, таҳлили онҳо дар асноҳо (лаҳзаҳо)-и гуногуни нутқ ва корбасти ин воҳидҳои забон иборат буда, барои

комилан омӯхтани забони модарӣ ва ба вуҷуд овардани забони ягонаи адабии гуфтугӯйӣ мусоидат карда метавонад. Муҳиммияти диссертатсияи Файзова Таҳмина Изатуллоевна маҳз аз ҳамин ҷанбаҳои муҳими омӯзиши комили забони миллӣ сарчашма мегирад.

Ба сифати объекти таҳқиқ интихоб шудани осори бадеии нависандаи хушсаликаи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев ба мақсад мувофиқ аст, зеро дар асарҳои адиб унсурҳои зиёди забонӣ кор фармуда шудаанд, ки намунаи олии муносибатҳои байниҳамдигарӣ буда, барои омӯзиши одоби муҳоварати тоҷикӣ мусоидат карда метавонанд.

Диссертант сарчашмаҳои назариявии зиёди соҳаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, дар боби аввали диссертатсия доир ба муошират ва намудҳои он, омӯзиши одоби муҳоварат дар таҳқиқоти лингвистӣ ва ҷанбаҳои муҳими одоби муҳоварат – хушмуомилагии лингвистӣ, ҷанбаҳои иҷтимоию лингвистии одоби муҳоварат, хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии одоби муҳоварати тоҷикӣ, семантикаи хушмуомилагӣ ва эҳтиром дар асарҳои Ф.Муҳаммадиев муфассал муҳокимаронӣ мекунад, ки барои таҳлили маводи амалии дар асоси асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев гирдовардашуда заминаи мувофиқу мусоид фароҳам меорад.

Муаллифи диссертатсия дар бобҳои дуюм ва сеюм вобаста ба самту гурӯҳҳои асноӣ-семантикии одоби муҳоварат маводи фаровонеро ба риштаи таҳқиқ кашида, хулосаҳои хуби илмӣ баровардааст. Дар боби дуюм воҳиди муҳимтарини одоби муҳоварат – воҳиди муроҷиат – мухотабро мавриди баррасӣ қарор дода, табиати коммуникативии ин воҳиди наҳвиро бо мисолу далелҳои дақиқ ошкор карда тавонистааст. Боби сеюмро диссертант ба таҳлили воҳидҳои асноӣ-семантикӣ, аз қабили воҳидҳои пазироӣ, хайрухуш, узрхоҳӣ, сипосгузорӣ ва хоҳишу дархост бахшидааст, ки дар осори бадеии Ф. Муҳаммадиев ҷой доранд. Намунаи матнҳое, ки диссертант аз асарҳои адиб барои исботи фикраш меорад, аз саликаи хуби муҳаққиқии ӯ дарак медиҳанд.

Натиҷаҳои илмии аз рисола бадастомада дар таҳқиқи минбаъдаи ин қисмати муҳими забоншиносии тоҷик, ҳамчунин зимни таҳқиқи эҷодиёти нависандагони алоҳида вобаста ба самти одоби муҳоварат манфиатбахш хоҳанд буд. Маводи рисоларо ҳангоми омӯзишу таҳқиқи одоби муҳоварати тоҷикӣ, таҳияи курси лексияҳо роҷеъ ба «Одоби муошират ва категорияи хушмуомилагӣ», «Одоби муҳоварати тоҷикӣ», ва амсоли инҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур ва тавсияҳои он ҳангоми баргузории курсу семинарҳои махсус истифода шуда метавонад. Нуктаҳои муҳимтарини он ба китобҳои дарсию васоити

ёрирасони таълим аз фанни «Забони тоҷикӣ» ворид гардида, як паҳлуи норавшани таълими забони модариро мукаммал хоҳад кард. Ҳамчунин дар таҳия намудани «Луғати одоби муҳоварати тоҷикӣ» маводи ба дастовардаи муҳаққиқ ҳамчун заминаи боэътимод хизмат карда метавонад.

Диссертатсияи номзадии Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи «Таҳлили семантикӣ-функсионалии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев» кори баанҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01–Забони тоҷикӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи услубшиносӣ
ва таҳрири адабии ДМТ                Ҷӯраева М.Р.
«5» январи соли 2024

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский бинои 85/2, ҳуҷраи 10
Тел.: (+992) 555-05-15-50
E-mail: ilhom-b.89@mail.ru

«Имзои профессор Ҷӯраева Мушаррафа Рустамовнаро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ                Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«5» январи соли 2024.